# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
# ФАРМОИШ
# Правительство Республики Таджикистан
# РАСПОРЯЖЕНИЕ

аз 30 декабри соли 2019 № 116-ф

ш. Душанбе

Мутобиқи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо мақсади таҳия намудани лоиҳаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2021-2023 ва истифодаи самараноки захираҳои молиявии давлатӣ:

1. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ ба самтҳои асосии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636 тасдиқ шудааст, ҷиҳати таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2021-2023 ва лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» чорабиниҳои зеринро амалӣ намояд:

- то 25 январи соли 2020 аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои дахлдор гурӯҳи кории байниидоравии буҷетиро дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис диҳад;
- то 3 феврали соли 2020 Дастурамал оид ба таҳияи нишондиҳандаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2023 (марҳилаи I) ва нақшаи тақвимии лоиҳаи буҷетро тартиб дода, ба вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол намояд;
- тартиби таҳия ва шакл оид ба пешниҳоди дархости буҷетиро омода ва тасдиқ намояд;
- буҷетикунонии барномавиро дар ҳамаи соҳаҳо ҷорӣ намояд;
- ҷиҳати беҳтар намудани раванди банақшагирии миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ дар тамоми сатҳи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ чораҷӯӣ намояд;
- то 15 апрели соли 2020 дар асоси баҳодиҳии пешакии дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия мегардад, ҳаҷми дурнамои даромади буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои давраи миёнамуҳлат муайян намояд;
- то 3 июни соли 2020 дар доираи таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ барои солҳои 2021-2023 ба баррасии Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

лоиҳаи самтҳои асосии сиёсати молиявию буҷетӣ ва андозиро барои давраи дарпешистодаи банақшагирии буҷетӣ, ки маълумоти зеринро дар бар мегирад, пешниҳод намояд:

а) нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ аз рӯи даромад, хароҷот, касри он ва ҳаҷми қарзи давлатӣ;

б) нишондиҳандаҳои ҳисобии буҷети заминавӣ;

в) нишондиҳандаҳои сармоягузории давлатӣ;

г) ҳаҷми умумии хароҷот барои татбиқи самтҳои нави сиёсати давлатӣ;

ғ) хароҷоти афзалиятноки самтҳои нави сиёсати давлатӣ дар асоси пешниҳоди тақсимкунандагони асосии маблағҳои буҷетӣ;

- то 1 июли соли 2020 Дастурамал оид ба таҳияи лоиҳаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 ва нишондиҳандаҳои дурнамои он барои солҳои 2022-2023-ро (марҳилаи II) омода намуда, ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дастрас намояд;

- пас аз маъқул дониста шудани самтҳои асосии сиёсати молиявию буҷетӣ ва андозӣ барои давраи банақшагирии буҷетӣ аз ҷониби Комиссияи доимоамалкунандаи буҷетии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳадди ниҳоии хароҷотро ба вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ирсол намояд;

- то 20 сентябри соли 2020 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» ва дурнамои нишондиҳандаҳои буҷети давлатиро барои солҳои 2022-2023 аз рӯи гурӯҳбандиҳои барномавӣ, вазифавӣ, иқтисодӣ ва идоравӣ барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

2. Вазорату идораҳои аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузоришаванда:

- то 1 феврали соли 2020 аз рӯи афзалиятҳои соҳавӣ барои таҳияи барномаи миёнамуҳлати хароҷоти соҳавӣ гурӯҳҳои кории байниидоравии соҳавӣ таъсис диҳанд;

- мутобиқи нақшаи тақвимии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида барномаҳои миёнамуҳлати хароҷоти соҳавиро барои баррасӣ ба гурӯҳи кории байниидоравии буҷетии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манзур намоянд;

- ҳангоми таҳияи Дархост барои маблағгузории стратегияи миёнамуҳлати хароҷотӣ (дастурамали марҳилаи I) лоиҳаи барномаҳои соҳавиро, ки дар давраи миёнамуҳлат маблағгузориро аз буҷети давлатӣ талаб менамоянд, дар доираи нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2021-2023 пешниҳод намоянд;

- лоиҳаи барномаҳои соҳавиро, ки дар давраи миёнамуҳлат маблағгузориро аз буҷети давлатӣ талаб менамоянд, дар доираи

нишондиҳандаҳои буҷети давлатӣ барои солҳои 2021-2023 таҳия ва пешниҳод намоянд.

3. Вазорату идораҳо хароҷоти соҳавиро аз рӯи гурӯҳбандии барномавӣ барои соли 2021, инчунин тавсифномаи барномаҳои буҷетиро, ки мавриди амал қарор доранд, таҳия намуда, то 1 августи соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

4. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- то 1 марти соли 2020 баҳодиҳии пешакии дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2020, параметрҳои асосии дурнамо барои солҳои 2021-2023, инчунин нишондиҳандаҳои сармоягузории давлатӣ барои давраи миёнамуҳлат;

- то 10 июли соли 2020 дурнамои дақиқшудаи нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ барои соли 2021 ва параметрҳои асосии онро барои солҳои 2022-2023 бо дар назар доштани нишондиҳандаҳои дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон, Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ барои солҳои 2021-2023, инчунин то 25 июли соли 2020 нишондиҳандаҳои сармоягузории асосии мутамарказ (аз ҳисоби буҷети давлатӣ) аз рӯи ҳар як иншоот барои давраи миёнамуҳлат;

- то 1 июни соли 2020 оид ба имтиёзҳои андозӣ барои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар солҳои 2015-2019 татбиқшуда аз рӯи субъектҳо вобаста ба даромади умумӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, манбаъ ва маблағи имтиёзҳо, фонди музди меҳнат ва шумораи коргарон.

5. Ба Бонки миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад, ки то 10 феврали соли 2020 дурнамои қурби миёнасолонаи пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА ва сатҳи таваррумро барои солҳои 2021-2023 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд.

6. Вазорату идораҳо, муассисаю ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва ташкилотҳои қарзӣ то 1 апрели соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро (дар шакли ҷадвал) пешниҳод намоянд:

- оид ба ҳисоби воридоти андозӣ ва ғайриандозӣ, аз ҷумла андоз аз фоида, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет аз рӯи самти фаъолият бо ташкилотҳои тобеъ дар миқёси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (аз рӯи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо дар назар доштани иҷрои воқеӣ дар соли 2019, баҳодиҳӣ барои соли 2020 ва дурнамо барои солҳои 2021-2023;

- имтиёзҳои андозии татбиқшудаи соҳавӣ барои солҳои 2015-2019 аз рӯи даромади умумӣ, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, манбаъ ва маблағи имтиёзҳо, фонди музди меҳнат ва шумораи коргарон.

7. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 апрели соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро аз рӯи ҳисоботи воқеии солҳои 2018-2019, баҳодиҳии соли 2020 ва дурнамо барои солҳои 2021-2023 пешниҳод намояд:

- маълумот оид ба дурнамои даромади буҷети давлатӣ дар алоҳидагӣ аз рӯи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (аз рӯи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ аз рӯи манбаи андозбандишаванда ва намудҳои андоз тибқи ҳисобҳои алоҳида дар шакли ҷадвал;

- маълумот оид ба манбаи андозбандӣ, маблағҳои ҳисобшуда, пардохтшуда ва андозҳои андозсупорандагони калони ҷумҳурӣ дар вилоятҳо (аз рӯи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;

- маълумот оид ба шумораи андозсупорандагон аз рӯи субъекти андозбандишаванда, амалиётҳои аз андозбандӣ озод, имтиёзҳои андозӣ ва низомҳои имтиёзноки андозбандӣ (фасли XVII Кодекси андоз) аз рӯи намуди андоз ва моддаҳои дахлдори Кодекси андоз дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо (дар шакли ҷадвал).

8. Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 марти соли 2020 маълумоти зеринро аз рӯи ҳисоботи воқеии солҳои 2015 - 2019, баҳодиҳии соли 2020 ва дурнамо барои солҳои 2021 - 2023 бо инъикоси минтақаҳо ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намояд:

- оид ба дурнамои даромади буҷети давлатӣ аз фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар алоҳидагӣ аз рӯи андозҳо ва воридоти ғайриандозӣ;

- оид ба воридоти молҳои андозбандишаванда ва имтиёзҳои гумрукӣ аз рӯи намуди андоз ва пардохт;

- оид ба воридоти молҳои зераксизӣ аз рӯи намуд бо ифодаи ҳаҷм ва арзиш.

9. Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 апрели соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои дурнамои буҷети суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа аз рӯи даромад ва хароҷотро барои солҳои 2021-2023 бо дар назар доштани баҳодиҳии соли 2020 пешниҳод намояд.

10. Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 апрели соли 2020 маълумоти зеринро барои солҳои 2021-2023 пешниҳод намояд:

- оид ба лоиҳаҳои сармоягузории давлатии бо ҷалби кумаки беруна татбиқшаванда тибқи феҳристи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ;

- маблағи умумии аз хусусигардонии моликияти давлатӣ воридшаванда бо дар назар доштани иҷрои воқеии он дар соли 2019 ва баҳодиҳии соли 2020;

- оид ба маблағи суди саҳмияи ҷамъиятҳо, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд мебошад, бо нишон додани ном, саҳм ва ҳисса;

- феҳристи лоиҳаҳои сармоягузории мустақиме, ки дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ» амалӣ мегарданд, бо дар назар доштани татбиқи лоиҳаҳо ва имтиёзҳои нисбати онҳо татбиқшуда барои солҳои 2015-2019;

- оид ба воридоти маблағҳо аз ҳисоби ба иҷора додани молу мулки давлатии мансуб ба моликияти ҷумҳуриявии корхонаву ташкилотҳо бо дар назар доштани иҷрои воқеии он дар соли 2019 ва баҳодиҳии соли 2020.

11. Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- оид ба шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқонӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (аз рӯи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят) ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо нишон додани масоҳати заминҳо ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар шакли ҷадвал;

- оид ба масоҳати молу мулки шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва намудҳои дигари фаъолият барои муайян намудани манбаи андоз аз молу мулки ғайриманқули онҳо барои соли 2019 ва солҳои 2021-2023 тибқи муқаррароти моддаи 279 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

12. Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани манбаи андозбандии андоз аз воситаҳои нақлиёт, то 1 марти соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 266 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дар бораи шумораи воситаҳои нақлиёт аз рӯи тамғаи ҳар як воситаи нақлиёт дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо (аз рӯи тақсимоти шаҳру ноҳияҳои тобеи вилоят), шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 пешниҳод намояд.

13. Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик», ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком», ҷамъияти саҳомии кушодаи «Ширкати Алюминийи Тоҷик», корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» то 1 марти соли 2020 оид ба ҳаҷми солонаи воридоти маблағҳои андозӣ ва ғайриандозӣ аз рӯи арзиши хизматрасониҳо барои солҳои 2015-2019, баҳодиҳии соли 2020

ва дурнамо барои солҳои 2021-2023 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

14. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо корхонаи воҳиди давлатии «Хӯрокворӣ» то 1 марти соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, молҳои зераксизӣ, бақияи маҳсулоти зераксизӣ, ки дар анборҳои корхонаҳо мавҷуд мебошанд ва пешгӯии воридоти андозҳо барои солҳои 2021-2023 дар миқёси корхонаҳо ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маълумот пешниҳод намояд.

15. Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 1 апрели соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фурӯши воқеии молу маҳсулоти содиротӣ дар соли 2019, баҳодиҳии он бо дар назар доштани ҳаҷм, номгӯи молу маҳсулот аз рӯи соҳаҳо барои соли 2020 ва дурнамо барои соли 2021 маълумот пешниҳод намояд.

16. Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иҷозатномаҳои барои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ додашуда, қарордодҳо оид ба истифодабарии сарватҳои зеризаминии бо истифодабарандагони сарватҳои зеризаминӣ басташуда, инчунин маблағҳои ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо ҷиҳати истифодаи захираҳои табиӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

17. Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» то 1 марти соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти зеринро пешниҳод намояд:

- оид ба ҳаҷми солона ва арзиши хизматрасонии коммуналии истифодашаванда дар миқёси муассисаю ташкилотҳои буҷетӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ (аз рӯи ноҳияҳо) барои солҳои 2021–2023;
- оид ба қарздорӣ аз рӯи ӯҳдадориҳои созишномаҳои зерқарзӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020.

18. Вазорату идораҳо, ташкилотҳо, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидорӣ то 1 марти соли 2020 ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот оид ба қарзҳои бо кафолати давлат ҷалбгардида ва дурнамои онро барои давраи миёнамуҳлат пешниҳод намоянд.

19. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии авиатсияи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» то 1 марти соли 2020 рӯйхати имтиёздоронро аз рӯи гурӯҳҳо дар мувофиқа бо мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва сохторҳои қудратӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки аз имтиёзҳо бархӯрдоранд, ҷиҳати пардохти кумаки молиявӣ (субсидия)

ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

20. Вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ:

- ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба номгӯи иншооти сохтмонашон нотамоми аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ сохташаванда ва дараҷаи омодагии онҳо ба ҳолати 1 январи соли 2020 то 1 феврали соли 2020 ва ба ҳолати 1 июли соли 2020 то 10 июли соли 2020 маълумот пешниҳод намоянд;

- стратегияи миёнамуҳлати хароҷоти буҷетии соҳаро таҳия ва тасдиқ намуда, баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021» дар сомонаҳои расмии соҳавӣ ҷойгир намоянд;

- манбаъҳои молиявиро, ки барои амалӣ намудани барномаҳои миёнамуҳлати хароҷоти соҳавӣ заруранд, дар алоҳидагӣ аз рӯи маблағҳои буҷетӣ, лоиҳаҳои сармоягузории давлатии соҳаи дахлдор, инчунин грантҳои мустақим ва хизматрасониҳои пулакӣ (маблағҳои махсус) нишон диҳанд.

21. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ:

- лоиҳаи буҷетҳои маҳаллиро барои соли 2021 барои таъминоти минималии буҷети мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия карда, тибқи номгӯй ва ҷадвали тасдиқгардида ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд;

- бо мақсади амалисозии моддаи 45 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ҷиҳати таъмини мустақилияти молиявии ҷамоатҳо вобаста ба таҳияи лоиҳаи буҷетҳои алоҳидаи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот чораҷӯӣ намоянд.

22. Вазорату идораҳо, ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидорӣ ва ташкилотҳои қарзӣ дар муҳлатҳои бо фармоиши мазкур муқарраргардида иҷрои ӯҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташударо таъмин карда, аз натиҷаи он ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумоти хаттӣ ва электронӣ пешниҳод намоянд.

23. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати иҷрои фармоиши мазкурро таъмин карда, оид ба иҷрои талаботи он аз ҷониби вазорату идораҳо ҳар семоҳа ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот манзур намояд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии
Тоҷикистон

Эмомалӣ Раҳмон

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ